# ШУҒЛ ВА МУҲОҶИРАТ

...Ризқи худ соҳибҳунар аз санг пайдо мекунад.

№12 (389) / 02 августи соли 2023

Аз январи соли 1998 нашр мешавад.

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МЕҲНАТ, МУҲОҶИРАТ ВА ШУҒЛИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

www.mehnat.tj   Rrohnamo@mail.ru   +992 93-483-36-36   Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон


## МУАРРИФИИ “СТРАТЕГИЯИ ТАНЗИМИ РАВАНДҲОИ МУҲОҶИРАТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАВРАИ ТО СОЛИ 2040” БО ИШТИРОКИ НАМОЯНДАГОНИ ВАО



21-уми июли соли 2023 дар Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мизи мудаввар вобаста ба мавзуи “Стратегияи танзими равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040” дар ҳузури намояндагони ВАО муаррифӣ гардид.

Дар ин ҳамоиш Стратегияи танзими равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040, ки 30 июни соли равон қабул гардидааст, муаррифӣ шуда, ҳамзамон аҳамияти Стратегия, мафҳум ва ҷанбаҳои татбиқи он мавриди баррасӣ қарор гирифт.

(Ниг. саҳ. 4-5)

**«Стратегияи танзими равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 мақсад ва вазифаҳо, таҳлили вазъи кунунӣ, мушкилот, нишондиҳандаҳо, самтҳои асосӣ ва механизмҳои амалисозии сиёсати давлатии муҳоҷиратии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян мекунад».**

**(Аз “Стратегияи танзими равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040”)**

**Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ: 231-49-19**


РОТАТСИЯ 2

БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ ҶОЙИВАЗКУНИИ КАДРҲОИ РОҲБАРИКУНАНДА



РОҲНАМОӢ 3

ИНТИХОБИ КАСБ - КОРИ ШАХСИИ ИНСОН



ҲУНАРМАНД 6

САЙИДОИ НАСАФӢ - ТАРҒИБГАРИ ҲУНАР



ЭЪЛОН 7

ОЗМУНИ ХАДАМОТИ МУҲОҶИРАТ



# КАФОЛАТИ БЕХАТАРӢ МУҲИМ АСТ

**Ба наздикӣ муовини раиси вилояти Хатлон Акрам Сулаймонзода бо муовини якуми директори генералии муассисаи давлатии буҷетии “ Марказі бисёрсоҳавии муҳоҷират” дар шаҳри Москва Олег Нуждин вохӯрд.**



Дар мулоқот сардори Раёсати Хадамоти муҳоҷират дар вилояти Хатлон Баҳодурҷон Азиззода ва роҳбари намояндагии Муассисаи давлатии буҷетии “Маркази бисёрсоҳавии муҳоҷират”-и шаҳри Москва дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдусатор Нозимов ширкат доштанд.

Зимни суҳбат Олег Нуждин гуфт, “аз инбаъд муҳоҷирони тоҷик метавонанд дар Душанбе ҳуҷҷатҳои худро омода намуда, ба Россия сафар кунанд. Ҳамчунин мо имкон дорем, ки дар ин ҷо фаъолият карда, барои мутахассисони тоҷик дар Россия кор пайдо кунем”.

Акрам Сулаймонзода иқдоми кушодани намояндаги маркази номбурдаро амали нек арзёбӣ намуда, изҳор дошт, ки барои мо муҳим бехатарии шаҳрвандони тоҷик дар қаламрави Россия мебошад.

Мавсуф афзуд, ки “агар шартномаҳо дар доираи қонунгузорӣ амалӣ гарданд, корфармоҳои рус кафолати бехатарӣ ва фароҳам овардани шароити иҷтимоии муҳоҷиронро дода тавонанд, мо дастгирию кумаки худро дар ҷалби муҳоҷирон барои кор дар Россия расонида метавонем”.

**Б. АЗИЗЗОДА**

# БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ ҶОЙИВАЗКУНИИ КАДРҲОИ РОҲБАРИКУНАНДА

**Консепсияи сиёсати далатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008, №582 тасдиқ карда шуд, яке аз афзалиятҳои сиёсати давлатии кадрҳо - ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегии кишвар, ташаккули системаи муосири идоракунии ҳайати кормандон дар тамоми сатҳҳо ва таъмини сиёсати ягонаи давлатии кадрҳоро муайян намуд. Мақолаи зер дар ҳамин хусус.**

Мувофиқи банди 4.17 Барномаи татбиқи Консепсияи сиёсати далатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2017 ҷорӣ намудани низоми самараноки ротатсияи кадрҳо пешбинӣ карда шуда, дар чорчубаи он соли 2011 дар низоми хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади истифодаи самараноки иқтидори касбии хизматчиёни давлатӣ ва пешгирӣ аз зуҳуроти коррупсионӣ ва бархурди манфиатҳо технологияи нави кадрӣ роҳандозӣ гардид. Бо ин мақсад бо Фармони ПрезидентиҶумҳурии Тоҷикистон аз 26 майи соли 2011, №1074 Қоидаҳои баргузории ҷойивазкунии (ротатсияи) кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расида, дар асоси он ҷойивазкунии кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатӣ амалӣ гардид.

Бо гузашти солҳо дар заминаи таҷрибаи татбиқ ва натиҷагирӣ аз амалияи ин технологияи кадрӣ соли 2019 санади танзимкунандаи ротатсия дар таҳрири нав қабул шуд. Ҳоло ҷойивазкунии кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи муқаррароти Қоидаҳои баргузории ҷойивазкунии (ротатсияи) кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июли соли 2019, №1328 тасдиқ карда шудааст, сурат мегирад.

Кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин хизматчиёни давлатии сиёсӣ, хизматчиёни давлатии маъмурии категорияҳои олӣ, якум, дуюм, сеюм ва чорум буда, роҳбарии умумӣ ё бевоситаи мақомоти давлатӣ ё воҳидҳои сохтории онро анҷом медиҳанд. Яке аз хусусиятҳои ҷойивазкунии қоидаҳои мазкур ба кадрҳои роҳбарикунандаи категорияҳои олӣ, якум ва дуюми мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ татбиқ мегардад.

Қоидаҳои мазкур нисбат ба хизматчиёни давлатии сиёсӣ, хизматчиёни давлатии маъмурии категорияҳои сеюм, чорум, кадрҳои роҳбарикунандаи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, кадрҳои роҳбарикунандае, ки то синни ниҳоии дар хизмати давлатӣ будани онҳо то ду сол мондааст, татбиқ намешавад.

Ҷойивазкунии (ротатсияи) кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатӣ ин бо риояи талаботи тахассусӣ таъин кардани кадрҳои роҳбарикунанда ба дигар мансаби баробари хизмати давлатӣ дар ҳамон мақомоти давлатӣ ё дар дигар мақомоти давлатӣ буда, бо мақсадҳои муайян ҷараён мегирад.

Муҳаққиқон мақсадҳои ротатсияи кадрҳои роҳбарро ба ду гурӯҳ-ташкилӣ ва ҳавасмандкунӣ ҷудо менамоянд. Дар асоси банди 3 Қоидаҳои гузаронидани ҷойивазкунии (ротатсияи) кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойивазкунӣ бо мақсади истифодаи самараноки неруи касбии хизматчиёни давлатӣ, таҳкими иқтидори кадрии мақомоти давлатӣ ё воҳидҳои сохтории онҳо, иҷрои супоришҳои махсусан муҳими давлатӣ: тайёр кардани кадрҳои роҳбарикунанда, иваз шудани ҷои зисти доимии кадрҳои роҳбарикунанда, таъин (интихоб) гардидани яке аз ҳамсарони дар хизмати давлатӣ фаъолияткунанда ба мансаб дар дигар маҳал ва пешгирии ҳолатҳои эҳтимолии содиркунии амалҳои коррупсионӣ ё бархурди манфиатҳо баргузор мешавад.

Қоидаҳои мазкур принсипҳои асосии ҷойивазкуниро муайян намудааст, ки онҳо ҷойивазкунӣ ба мансабҳои категорияҳои баробар бидуни озмун, ҷойивазкунии хизматчии давлатӣ ба мансабҳои давлатии мувофиқ, ҷойивазкунӣ бо назардошти риояи талаботи тахассусӣ ва натиҷаи кор, шаффоф ва холисона гузаронидани ҷойивазкунӣ ва таъмини кафолат ҳангоми баргузории ҷойивазкунӣ мебошанд.

Хизматчиёни ҳарбӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ тибқи қонунгузории соҳавӣ ба ҷойивазкунӣ фаро гирифта мешаванд. Ҳамчунин, ҷойивазкунии хизматчиёни давлатие, ки таъини онҳо хусусияти дуҷониба дорад, бо риояи қоидаҳои мазкур амалӣ карда мешавад.

Ҷойивазкунии кадрҳои роҳбарикунанда бо қарори дахлдори роҳбари мақомоти давлатӣ дар панҷ сол як маротиба баргузор мешавад. Ҷойивазкунӣ дохилиидоравӣ ва байниидоравӣ шуда метавонад.

Ҷойивазкунии дохилиидоравӣ ин ҷойивазкунии кадрҳои роҳбарикунанда дар ҳамон мақомоти давлатӣ аз як мансаб ба дигар мансаби баробар буда, байниидоравӣ ин ҷойивазкунии кадрҳои роҳбарикунанда аз як мақомоти давлатӣ ба дигар мақомоти давлатӣ ва аз як мансаб ба дигар мансаби баробар мебошад.

Ҷойивазкунӣ хусусиятҳои хоси худро дорад. Аз ҷумла ба маҳали дигар ҷой иваз намудани хизматчиёни давлатии маъюб, инчунин шахсоне, ки ба тарбияи кӯдакони синни то 14, нигоҳубини падар ё модари танҳо машғуланд, шахсоне, ки кӯдакони маъюб доранд ва ё дар табобат мебошанд, танҳо бо розигии онҳо баргузор карда мешавад.

Ҷойивазкунии занони ҳомила ва шахсони дар рухсатӣ барои нигоҳубини кӯдак қарордошта, пас аз як соли аз рухсатӣ баргаштани онҳо ҷараён мегирад. Дар маҳалҳои баландкӯҳ ва маҳалҳои дорои шароити номусоиди табиӣ, иқлимӣ ва экологӣ бошад, ҷойивазкунӣ метавонад то ба охир расидани муҳлатҳои муқарраргардида гузаронида шавад.

Бо хизматчиёни давлатие, ки таҳти ҷойивазкунӣ қарор мегиранд, тибқи тартиби муқарраргардида шартнома (қарордод)-и меҳнатӣ баста мешавад.

Дар мақомоти давлатӣ ташкил ва баргузории ҷойивазкунӣ ба зиммаи хадамоти кадрӣ буда, онҳо вазифадоранд, рӯйхати кадрҳои роҳбарикунандаи мақомоти давлатиро, ки дар соли минбаъдаи тақвимӣ ба ҷойивазкунӣ фаро гирифта мешаванд, таҳия намуда, онҳоро дар муҳлати як моҳ, то санаи баргузории ҷойивазкунӣ хабардор намоянд.

Ҳамасола мониторинги натиҷаи ҷойивазкуниро гузаронида, рӯйхати кадрҳои роҳбарикунандаро, ки дар соли ҷорӣ ба ҷойивазкунӣ фаро гирифта шудаанд, ба роҳбари мақомоти давлатӣ пешниҳод мекунанд.

Дар ҳолати тағйир ёфтани уҳдадориҳои мансабии шахсони ба ҷойивазкунӣ фаро гирифташуда онҳо ба курси тайёрии назариявӣ ва таҷрибавии такмили ихтисоси мутобиқ ба вазифаҳои воҳиди сохтории нав ҷалб карда мешаванд.

Хароҷот барои шахсоне, ки тибқи ҷойивазкунӣ ба маҳалли дигар фиристода шудаанд, ҷуброн мегардад. Дар сурате, ки дар ҷои кори нав ба хизматчии давлатӣ ва аъзои оилаи ӯ манзили истиқоматӣ ҷудо карда нашавад, манзили ишғолнамудаи онҳо дар хонаҳои фонди манзили давлатӣ нигоҳ дошта мешавад.

Роҳбарони мақомоти давлатӣ барои баргузории ҷойивазкунӣ масъулияти шахсӣ дошта, баҳсҳои вобаста ба гузаронидани ҷойивазкунӣ аз ҷониби роҳбари мақомоти давлатӣ якҷоя бо кумитаи иттифоқи касаба, мақомоти болоӣ, мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ ё бо тартиби судӣ ҳал карда мешаванд.



**Ҳабибулло РАҲИМОВ,**
**муовини сардори раёсат-сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси раёсати ҳуқуқ ва сиёсати кадрҳои ВММША ҶТ**

# ИНТИХОБИ КАСБ - КОРИ ШАХСИИ ИНСОН

**Барои интихоби дурусти касб ин маслиҳатҳои одиро риоя кунед. Фикр кунед, ки шумо аз касби ояндаатон чӣ мехоҳед. Муайян кунед, ки шумо кӣ шудан мехоҳед, чӣ кор кардан мехоҳед, дар куҷо зиндагӣ хоҳед кард, ба чӣ ноил шудан мехоҳед, дар кадом соҳа кор ва фаъолият кардан ҷолиб хоҳад буд, кадом тарзи ҳаётро ба нақша гирифтаед, маоши баланд то чӣ андоза муҳим аст ва бисёр чизҳои дигар.**

Шавқ инсонро ба азхудкунии дониш водор месозад, ҷаҳонбинии ӯро васеъ мекунад, барои бартараф намудани монеаҳое, ки дар роҳи аз худкунии касб ба амал меояд, ёрӣ мерасонад. Масалан, агар шумо аз бозиҳои компютерӣ лаззат баред, метавонед тарроҳи бозӣ ё барномасоз шавед. Агар шумо рассомӣ ё расмкаширо дӯст доред, шумо метавонед касби дизайнер ё меъморро омӯзед. Агар шумо ба варзиш машғул шуданро дӯст доред, дар бораи таълими тренерӣ фикр кунед. Агар шумо ба фанни химия майл дошта бошед, дар оянда шумо метавонед дорусоз ё духтур шавед.

Санҷишҳои роҳнамоии касбӣ як воситаи хеле муфид барои кумак дар интихоби касби оянда мебошанд. Онҳо барои ба тарзи объективӣ баҳо додан ба майлу қобилият ва манфиатҳоятон мадад мерасонанд ва бо назардошти хусусиятҳои инфиродӣ ба шумо касби мувофиқро интихоб мекунанд. Санҷишҳои роҳнамоии касбӣ тақрибан дар ҳама гуна маҷмуаи маъмули санҷишҳои психологӣ мавҷуданд. Аммо, ба ҳар ҳол, беҳтар аст, ки инкорро ҳангоми машварат бо равоншинос ё мутахассис оид ба роҳнамоии касбӣ анҷом диҳед. Вай барои ба натиҷаҳои ба даст овардашуда хулосаҳои дурусттар баровардан ёрӣ мерасонад.

Инчунин, вазъи саломатии худро ба назар гиред ва ҳатман бо духтур маслиҳат кунед, то касберо, ки бо сабабҳои саломатӣ бароятон хилофи он аст, интихоб накунед. Надонистан ё нодида гирифтани баъзе хусусиятҳои ҷисмонӣ ва бо надонистан ва ё кам баҳона додан ба баъзе хусусиятҳои ҷисмонӣ ва вазъи саломатӣ яке аз дастурҳои бардурӯғ ҳангоми интихоби касб аст.

Дар айни замон, барои гирифтани касбҳои муайян зиддиятҳо зиёданд. Дар бораи коре, ки саломатии касро бадтар гардонад, орзу кардан беақлона аст. Дар баъзе мавридҳо хусусиятҳои саломатӣ метавонанд монеаи бартарафнашаванда барои дарёфти кори мушаххас гарданд. Масалан, бо дили бемор шумо сарнишин (лётчик) шуда наметавонед, аллергикҳо дар касбҳои кимиёвӣ ё сартарош кор кардан наметавонанд. Аз ин рӯ, донистани тамоми хусусиятҳои ҳолати саломатӣ ва зиддиятҳои соҳаҳои муайяни фаъолият зарур аст. Аксар вақт волидон ва дӯстон ба интихоби касби оянда таъсир мерасонанд. Фақат фикри онҳоро гӯш кардан мумкин, аммо интихоби касб кори шахсии шумост ва ҳеҷ кас ба ҷои шумо умри шуморо аз сар гузаронида наметавонад.



Албатта, ҳодисаҳое ҳастанд, ки дар як оила якчанд насл дар соҳае бо муваффақият кор мекунанд. Аммо агар одам ба касбу кори муайян майлу қобилият надошта бошад, пас ӯ ҳаргиз мутахассиси баландихтисос шуда наметавонад. Аз ин рӯ, аз ҳама муҳим ҳангоми интихоби касб ин аст, ки майлу қобилият ва шавқу рағбати шумо, инчунин, талабот ба ихтисоси интихоб шуда дар бозори меҳнат ба назар гирифта шавад. Меъёри дурустии қарор эҳсоси қаноатмандӣ ва шодӣ хоҳад буд. Дар ин сурат кор фаъолияти дӯстдоштаи шумо мегардад ва на танҳо қаноатмандии маънавӣ, балки моддиро ҳам меорад. Ба шумо дар роҳи душвори худмуайянкунии касбӣ муваффақият орзу мекунем.

**Г.Ё. АМИРШОЕВА,**
**мудири бахши робитаҳои байналмиллалӣ ва ҷамъиятии МД «МҶРК»**

# ХИРАДИ ВОЛО



**Имрӯз таваҷҷуҳи ҷомеа, бахусус насли наврас ба китоб бештар гардидааст, ки ин башарофати иқдоми Асосгузори сулҳу ваҳдат – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳандозӣ гардидани озмуни ҷумҳуриявии “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст” мебошад. Озмуни мазкур таи чанд соле, ки баргузор мегардад, боиси он шуд, ки ҷомеа рӯ ба китобу китобхона орад. Аксари сокинони кишвар ба мутолиаи китоб машғуланд ва хуб дарк намуданд, ки танҳо тавассути китобхонӣ метавон ҷаҳонбинии васеъ ва хиради волоро соҳиб шуд.**

Бинобар ин, ғанӣ гардонидани захираи китобхонаи муассисаи таҳсилоти касбӣ ва миёнаи умумӣ аз ҳисоби китобҳои адибони классику муосир ва адабиёти ҷаҳон вазифаи аввалиндараҷаи китобдор ба шумор меравад.

Дар ин росто китобдорро зарур аст, ки барои ғанӣ гардонидани захираи китобхона талош варзад, то ки талаботи хонандагонро ба китоб қонеъ намояд.

Барои ин метавон пеш аз ҳама аз маблағҳои аз ҳисоби иҷораи китобҳои дарсӣ ворид шуда барои харидории китобҳои нави бадеӣ истифода бурд.

Гузашта аз ин, дар ҳамкорӣ бо кумитаи АВО, падару модарон ва шахсони саховатпеша, шогирдони хатмкардаи муассиса ва омӯзгорон метавон фонди китобхонаро ғанӣ гардонд.

Инчунин, ташкил намудани вохӯрӣ бо адибон метавонад ба ғанӣ гардонидани захираи китобхона муфид бошад.

Воқеан, китоб, хониш ва дониш дар рушди ҷомеаи инсонӣ нақши калидӣ доранд. Ин омилҳо дарахти андешаву ахлоқи инсониро баробар месозанд. Бо таваҷҷуҳ ба аҳамияти китобу китобдорӣ бо Пешвои миллат ҳар сол 4-уми сентябр ҳамчун Рӯзи китоб дар ҷумҳурӣ бошукӯҳи хоса таҷлил мешавад.

Ин иқдоми Сарвари давлат меҳру муҳаббат ба китоб ва завқи китобхониро дар ҳаёти сокинони кишвар дубора эҳё намуд, мақоми онро дар тавсеа ва рушди фарҳанги миллӣ ба унвони воситаи таъсирбахшу коромада баланд бардошт.

Муҳаббат ва эътиқод ба китоб муҳаббат ба эътиқод ба дониш ва хирад аст. Наврасону ҷавонони мо ҳар қадар китобдӯсту китобхон бошанд, ҳамон қадар фаъол ва баҷомеа нафърасон хоҳанд шуд.

**Фузайлиддин СУЛТОНОВ,**
**омӯзгори фанни физикаи МДТ "Литсейи касбии техникии ноҳияи Айнӣ",**
**Ҳусейн КАРИМОВ,**
**ҷонишини директори МТМУ рақами 37**

# СУОЛ-ПОСУХ

**Суол: рухсатии меҳнатӣ дар соли якуми корӣ кай ва чанд рӯз дода мешавад?**

**Посух:** дар асоси муқаррароти моддаи 104 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон рухсатии меҳнатӣ (асосӣ ва иловагӣ) барои соли аввали корӣ на барвақттар аз 11 моҳи корӣ аз ҷониби корфармо дода мешавад.

То ба итмом расидани 11 моҳи корӣ корфармо уҳдадор аст бо хоҳиши корманд ба ӯ дар ҳолати зерин рухсатии меҳнатӣ пешниҳод намояд: ба занон пеш аз рухсатии ҳомиладорӣ ва таваллуд ё баъд аз он, ба кормандони синни то ҳаждаҳ, ба кормандоне, ки бо тартиби гузариш ба кор қабул карда шудаанд, ба кормандоне, ки мувофиқи хулосаи тиббӣ барои табобати санаторӣ-курортӣ роҳхат доранд, ба кормандоне, ки дар ду (якчанд) ҷой кор мекунанд, агар рухсатии меҳнатиашон дар ҷойи кори асосӣ дар давраи то 11 моҳи корӣ аз рӯйи дар ду (якчанд) ҷой кор кардан мувофиқ ояд, ба омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ (сухан танҳо аз омӯзгорон меравад, на кормандони техникӣ ва маъмурияти мактаб), ба иштирокчиёни Ҷанги бузурги ватанӣ ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда, ба занон ва дигар шахсони дорои уҳдадориҳои оилавӣ, ки дар тарбияи худ ду ва ё зиёда кӯдаки синни то чордаҳ ё кӯдаки маъюби синни то ҳаждаҳ доранд, ба кормандоне, ки аз истеҳсолот ҷудо нашуда дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ (шуъбаҳои шабона), муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ, муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ, муассисаҳои таълимии таҳсилоти махсус, муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва аспирантураҳо (шуъбаҳои шабона ва ғоибона) таълим мегиранд, дар дигар ҳолатҳои тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартномаи меҳнатӣ, созишнома ва шартномаҳои коллективӣ муайяншуда.

Ба хизматчиёни ҳарбие, ки ба эҳтиёт ҷавоб шудаанд ва бо тартиби муташаккилона ба кор фиристода шудаанд, рухсатии меҳнатӣ баъд аз гузаштани се моҳ дода мешавад.

Ба ғайр аз ҳолатҳои дар сархатҳои аз якум то нуҳуми қисми 2, қисмҳои 3 ва 4 моддаи 104 Кодекси меҳнат нишондодашуда рухсатӣ мутаносибан ба рӯзҳои дар давоми сол кор кардашуда, аммо на камтар аз 14 рӯзи тақвимӣ дода мешавад.

Яъне, қонунгузор барои кормандҳое, ки дар 9 сархати қисми 2, қисмҳои 3 ва 4 Кодекси мазкур имтиёз додааст, ки пеш аз 11 моҳ ин кормандон метавонанд рухсатии меҳнатии худро ба пуррагӣ гиранд.

**Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ**

МД «Маркази таълими калонсолон»: 250-35-42, 250-35-44

Нашрияи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Шуғл ва МУҲОҶИРАТ

# МУАРРИФИИ “СТРАТЕГИЯИ ТАНЗИМИ РАВАНДҲОИ МУҲОҶИРАТ ДАР ТОҶИКИСТОН

**21-уми июли соли 2023 дар Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мизи мудаввар вобаста ба мавзуи “Стратегияи танзими равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040” дар ҳузури намояндагони ВАО муаррифӣ гардид.**

Дар ин ҳамоиш Стратегияи танзими равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040, ки 30 июни соли равон қабул гардидааст, муаррифӣ шуда, ҳамзамон аҳамияти Стратегия, мафҳум ва ҷанбаҳои татбиқи он мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Гулнора Ҳасанзода, вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии ҶТ зимни муарифии Стратегияи мазкур изҳор дошт, ки бо мақсади ба танзим даровардани раванди муҳоҷират дар ҶТ Ҳукумати кишвар Стратегияи мазкурро қабул намуд, ки он тамоми самтҳои сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар таҳия гардидааст.

Страгеияи мазкур дар шаш марҳила ва бори аввал дар доираи як Стратегия танзими раванди тамоми намудҳои муҳоҷирати аҳолӣ (муҳоҷирати меҳнатӣ, муҳоҷирати хориҷӣ, муҳоҷирати дохилӣ, муҳоҷирати экологӣ, гурезагон ва паноҳандагон) амалӣ карда мешавад.

Гузаронидани таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда дар самти муҳоҷирати аҳолӣ ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба онҳо, таҳия ва ҷорӣ намудани механизми бақайдгирии электронии раванди



муҳоҷирати дохилию хориҷиро фаро мегирад.

Дар чорабинӣ намояндагони Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ва дигар ниҳодҳои марбута иштирок намуданд. Гуфта шуд, ки Стратегияи танзими равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 иқдомоти муҳими иқтисодию иҷтимоӣ барои Тоҷикистон ба шумор рафта, барои иҷрои ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар самти муҳоҷират, бо ба инобат гирифтани шароити имрӯзаи муҳоҷират, тамоилҳои мусбати устувор, рушди алтернативӣ, дурнамо ва муҳоҷират дар сатҳи минтақаҳои ҷумҳурӣ, таъсиси Шӯрои ҷамъиятӣ дар Хадамоти муҳоҷират бо ҷалби мақомоти Ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва ғайриҳукуматӣ, такмили низоми омодагии пеш аз сафари муҳоҷирони меҳнатӣ, таъсис додани Фонди иҷтимоии дастгирии муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо, интишор намудани натиҷаи мониторинг ва арзёбии Стратегия ва ғайраҳо аз ҷумлаи чорабиниҳои муҳиме мебошанд, ки бояд дар доираи ин Стратегия амалӣ шаванд.

Дар чорабинӣ гуфта шуд, ки тақвият бахшидани раванди муташаккилона сафарбар кардани муҳоҷирони меҳнатӣ ба кишварҳои гуногуни олам яке аз ҳадафҳои асосии Стратегияи танзими равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 маҳсуб мешавад. Айни ҳол ба 13 давлат муҳоҷирони меҳнатӣ муташаккилона сафарбар мегарданд.



Бояд гуфт, дар суҳбати мизи гирд таваҷҷуҳи намояндагони ВАО-ро бештар масоили вазъи кунунӣ ва мушкилоти асосӣ дар самти муҳоҷират ҷалб намуд ва вобаста ба ин масъала аксар андешаҳои созанда баён доштанд. Дар ин росто гуфта шуд, ки сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муҳоҷират ҷузъи сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар буда, маҷмуи чорабиниҳоест, ки ба танзим ва идоракунии давлатии равандҳои муҳоҷират нигаронида шудааст. Тоҷикистон ба мисли бисёр кишварҳои хориҷаи дуру наздик муҳоҷирати аҳолиро яке аз василаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва инноватсионии кишвар медонад. Дар асоси ин, сиёсати давлатӣ дар самти муҳоҷират асоснокунии ҳадафҳо ва вазифаҳои асосиеро, ки ба рушди устувори иқтисодӣ, таҳкими амнияти давлатии кишвар, таъмини шароити зарурӣ барои амалисозии ҳуқуқҳои муҳоҷирон, ҳифзи манфиатҳои миллӣ, урфу одатҳо, хусусиятҳои таърихӣ ва фарҳангии аҳолии Тоҷикистон мусоидат мекунад, пешбинӣ менамояд.

Афзуда шуд, ки дар баробари афзоиши аҳолӣ талабот ба ғизо, манзил, заминҳои кишоварзӣ, таъминоти об, иншооти энергетикӣ, инчунин ҷойҳои корӣ меафзояд. Афзоиши аҳолӣ, хусусан дар деҳот, дастрасӣ ба захираҳоро камтар мекунад, зеро 93 фоизи ҳудуди Тоҷикистонро кӯҳистон ташкил медиҳад. Зичии аҳолӣ дар маҳалҳо ва водиҳо меафзояд ва афзоиши босуръати аҳолӣ фишорро ба бозори меҳнат вусъат дода, тездоди муайяни одамонро бинобар набудани ҷойҳои корӣ, камбизоатӣ ва ғайра водор мекунад, ки ба хориҷи кишвар сафар намоянд.

Боиси қаноатмандист, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон расман 5 намуди муҳоҷирати аҳолӣ амал мекунад, ки аз рӯйи онҳо ҳисоботи омории давлатӣ баргузор мешавад ва заминаи меъёрии ҳуқуқии дахлдор доранд. Инҳо муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа; муҳоҷирати дохилӣ (ихтиёрӣ); муҳоҷирати экологӣ; муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон; муҳоҷирати шахсони гуреза ва паноҳҷӯянда ба Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

Илова ба ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои муҳоҷирати меҳнатии наздисарҳадӣ, муҳоҷирати оилавӣ ва муҳоҷирати дастаҷамъӣ заминаи ҳуқуқӣ мавҷуд аст, ки то ҳол ба қадри кофӣ омӯхта нашудааст ва таъминоти ҳуқуқии онҳо такмилро тақозо менамояд.

Ҳамзамон, дар Тоҷикистон ҷанбаҳои дигари равандҳои муҳоҷират, аз қабили шаҳришавӣ, муҳоҷирати байниминтақавӣ, муҳоҷирати дохилии ихтиёрӣ аз минтақаҳои кӯҳӣ ва сераҳолӣ ба водиҳо дорои заминҳои бекорхобидаи ҷумҳурӣ, кӯчонидани пай дар пай аз мавзеъҳои хавфи экологидошта ба ҷойҳои бехавф ба назар мерасанд,



аммо ҳаҷми ин равандҳоро бо муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа муқоиса кардан номумкин аст.

Дар ҳамоиш тавзеҳ дода шуд, ки вазъи баамаломада ва миқёси муҳоҷирати дохилӣ баробарии минтақавии демогрофӣ ва тақсимоти оқилонаи аҳолиро дар саросари кишвар халалдор месозад. Аз ҳад зиёд ҷойгиршавии аҳолӣ дар марказҳои хурди алоҳида ва агломератсияҳои шаҳрҳо, ки маҳдудияти иҷтимоию иқтисодӣ, минтақавӣ ва инфрасохторию коммуникатсионӣ доранд, боиси зиёд шудани шумораи аҳолии онҳо, афзудани шиддати иҷтимоӣ ва фишороварӣ ба бозори меҳнат мегардад.

Аз ин рӯ, яке аз масъалаҳои мубрам барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи кунунӣ таъмини муҳоҷирати бехатар, бонизом ва қонунӣ маҳсуб мешавад. Маҳз намояндагони ВАО низ дар ҳамин хусус ибрози назар карда, Стратегияи танзими равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040-ро, ки дар он мақсаду вазифаҳо, таҳлили вазъи кунунӣ, мушкилот, нишондиҳандаҳо, самтҳои асосӣ ва механизмҳои амалисозии сиёсати давлатии муҳоҷиратии кишвар комилан муайян шудааст, ҳамаҷониба дастгирӣ намуданд.

**Хабарнигори мо**

МД «Агентии бокортаъминкунӣ дар хориҷа»: 221-40-15

# БАРОИ ДАВРАИ ТО СОЛИ 2040” БО ИШТИРОКИ НАМОЯНДАГОНИ ВАО









## АСОСҲОИ МЕЪЁРӢ-ҲУҚУҚӢ

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират» соли 1999 бо иловаҳо ва тағйироти минбаъда;

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират» соли 2002;

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 октябри соли 1998, № 411 «Дар бораи Консепсияи сиёсати давлатии муҳоҷирати Ҷумҳурии Тоҷикистон»;

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 июни соли 2001, № 242 «Дар бораи Консепсияи муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа»;

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2010, № 277 «Дар бораи Консепсияи ҷалби ҳамватанони хориҷӣ ба сифати шарикони рушди Ватан» бо нақшаи чорабиниҳои дахлдор оид ба татбиқи Консепсияи мазкур,

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 майи соли 2022, № 263 «Дар бораи Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040» ва ғайраҳо.

## СТРАТЕГИЯИ ТАНЗИМИ РАВАНДҲОИ МУҲОҶИРАТ ДАР ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАВРАИ ТО СОЛИ 2040

Стратегия унсури татбиқи сиёсати давлатии муҳоҷирати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастёбӣ ба ҳадафу вазифаҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 маҳсуб меёбад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар сурати ҳалли се мушкилоти асосии зерин, ки бисёре аз давлатҳо дар соҳаи муҳоҷират рӯ ба рӯ мешаванд, метавон ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил гашта, ҳам барои давлатҳои интиқолдиҳандаву қабулкунанда ва ҳам барои худи муҳоҷирон манфиати мутақобила ба даст овард:

1. Муайян намудани сиёсати муҳоҷиратии давлатии муттасил, ҳадафманд ва муассир :
2. Таҳия ва татбиқи қонунгузории муосири миллӣ дар соҳаи муҳоҷират ва рушди ҳамкориҳои байнидавлатӣ ва байниидоравӣ;
3. Ташкили идоракунии давлатии равандҳои муҳоҷират ва такмили низоми ниҳодӣ.

## ХУСУСИЯТИ ХОСИ СТРАТЕГИЯИ МАЗКУР

Бори аввал дар доираи як Стратегия раванди танзими тамоми намудҳои муҳоҷирати аҳолӣ (муҳоҷирати меҳнатӣ, муҳоҷирати хориҷӣ, муҳоҷирати дохилӣ, муҳоҷирати экологӣ, гурезагон ва паноҳандагон) амалӣ карда мешавад;

Татбиқи Стратегия дар шаш марҳила солҳои 2023-2025 (якум), 2026-2028 (дуюм), 2029-2031 (сеюм), 2032-2034 (чорум), 2035-2037 (панҷум) ва 2038-2040 (шашум) амалӣ карда мешаванд.

## ДАР БОРАИ АМАЛӢ НАМУДАНИ ЯК ҚАТОР ЧОРАБИНИҲОИ АСОСӢ

Гузаронидани таҳлили санадҳои меъёрию ҳуқуқии амалкунанда дар самти муҳоҷирати аҳолӣ ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба онҳо;

Таҳия ва ҷорӣ намудани механизми бақайдгирии электронии раванди муҳоҷират дар сатҳи минтақаҳои ҷумҳурӣ;

Таъсиси Шӯрои ҷамъиятӣ дар Хадамоти муҳоҷират бо ҷалби мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва ғайриҳукуматӣ;

Такмили низоми омодагии пеш аз сафари муҳоҷирони меҳнатӣ;

Таъсис додани Фонди иҷтимоии дастгирии муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо; интишор намудани натиҷаи мониторинг ва арзёбии Стратегия ва ғайраҳо.

## ТАДБИРҲОИ АНДЕШИДАШУДА ОИД БА ТАТБИҚИ СТРАТЕГИЯ

Бо мақсади муташаккилона сафарбар намудан ва ба касбомӯзӣ фаро гирифтани шаҳрвандон аз ҷониби вазорат корҳои муайяне анҷом дода шуданд, аз ҷумла аз ҷониби роҳбарият якчанд ҷаласа ва вохӯриҳо анҷом дода шуданд:

3 феврали соли ҷорӣ мулоқот бо Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии Федератсияи Россия, ки зимни сафари расмии ҳайати Федератсияи Россия ба Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ байни Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии Санкт-Петербурги Федератсияи Россия ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расид.

26 июни соли 2023 ҷаласаи маҷозӣ бо иштироки масъулини Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии Федератсияи Россия, Роструд, дигар вазорату идораҳои дахлдори Федератсияи Россия ва роҳбарони як қатор ширкатҳои Россия баргузор гардид;

30 июни соли 2023 ҷаласаи ғайринавбатии Гурӯҳи кории муштарак оид ба татбиқи муқаррароти Созишномаи байниҳукуматии Тоҷикистону Россия оид ба ҷалби муташаккилонаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор шуд;

7 феврали соли 2023 дар шаҳри Душанбе ҷаласаи сеюми Гурӯҳи кории муштарак татбиқи Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қатар оид ба танзими қувваи корӣбо иштироки вазирони меҳнати ҳар ду кишвар доир гардид.

Инчунин бастани созишномаҳои ҳамкорӣ бо якчанд ширкатҳои Британия Кабир, Латвия, Литва, Руминия ва ғ.

### Сохтори Стратегия ва Н,ақшаи чорабиниҳои марҳилаи якум барои солҳои 2023-2025

- Стратегияи танзими равандҳои муҳоҷират аз 8 боб ва Нақшаи чорабиниҳои он барои солҳои 2023-2025 аз 66 банд иборат мебошанд:
  - 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ
  - 2. ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ КУНУНӢ ВА МУШКИЛОТИ АСОСӢ ДАР САМТИ МУҲОҶИРАТ
  - 3. РИСОЛАТ, ҲАДАФ ВА ВАЗИФАҲОИ СТРАТЕГИЯ
  - 4. УСУЛҲО ВА ХУСУСИЯТҲОИ СТРАТЕГИЯ
  - 5. АФЗАЛИЯТҲО ВА НАТИҶАҲОИ НОИЛШАВАНДА
  - 6. МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБИИ АМАЛИСОЗИИ СТРАТЕГИЯ
  - 7. МАБЛАҒГУЗОРИИ СТРАТЕГИЯ
  - 8. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

### Нақши воситаҳои ахбори омма дар татбиқи Стратегия ва ИТТИЛООТОНИИ МУҲОҶИРОН ВА АЪЗОИ ОИЛАИ ОНҲО

- Гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба суғуртаи ҳаёт ва саломатии муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо, ташкили корҳои фарҳангию маърифатӣ бо муҳоҷирон

МУҚОВИМАТ БА МУҲОҶИРАТИ ҒАЙРИҚОНУНӢ ВА САВДОИ ОДАМОН

- Пешгирӣ ва иттилоотонии аҳолӣ дар бораи хатарҳои муҳоҷирати ғайриқонунӣ тавассути баланд бардоштани маърифатнокии ҳуқуқии шаҳрвандон оид ба пешгирии муҳоҷирати ғайриқонунӣ;
- Таҳияи механизми байниидоравии мубориза бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва савдои одамон

ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ МУҲОҶИРАТИ ЭКОЛОГӢ ВА ДОХИЛӢ

- Инъикоси рафти амалишавии муҳоҷирати экологӣ ва дохилӣ, таъсиси инфрасохтори зарурӣ, бархурдоршавии муҳоҷирон аз имтиёзҳо

**МД «Марказҳои машваратӣ ва омодагӣ»: 225-05-75, 225-02-21**

Нашрияи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Шуғл ва МУҲОҶИРАТ

# САЙИДОИ НАСАФӢ – ТАРҒИБГАРИ ҲУНАР

**Сайидои Насафӣ аз барҷастатарин симоҳои адабиёти садаи XVII ва XVIII мелодӣ буда, бо мероси пуриқмату арзишманди адабӣ ва афкори баланди инсонӣ дар таърихи адабиёти форсу тоҷик мақом ва манзалати шоиста дорад. Сайидо дар Насаф ё Қаршии кунунӣ зода шуда, дар шаҳри Бухоро таълим гирифта, зиндагонӣ кардаст.**



Сайидо Насафӣ аз худ осори баландмазмуну рангини фаровон мерос гузоштааст, ки аз ҷумлаи дурдонаҳои таърихи адабиёти тоҷик ба хисоб мераванд. Мероси адабии шоир, ки ба шакли куллиёт ва девони ашъор фароҳам омада, то замони мо расидааст, аз ғазалиёт, касидаву маснавихо, мухаммасу мусаддас, рубоиёту қитъахо, асари тамсилии "Баҳориёт", "Шаҳрошӯб" иборат буда, 8500 байтро дар бар мегирад.

Ҳарчанд шоир дар офаридани ғазал, қасида, маснавӣ, мусаддас, мухаммас, рубоӣ ва қитъа низ маҳорати баланд ва табъи нозук дошт, вале, асари тамсилии "Баҳориёт" ва "Шаҳрошӯб" шухрати суханварии Сайидоро боз ҳам афзун намуданд. Хусусан дар асари "Шаҳрошӯб" шоир касбу ҳунарро талқин, аҳли ҳунару косибонро тараннум ва тарғибу ташвиқ намудааст. Дар асари мазкур шоир 212 намуди ҳунарро, ки дар замон ӯ дар Бухорои амирӣ мавҷуд буданд, ситоиш намуда, ба ҳар як касбу ҳунар шеъру таронаҳоро эҷод кардааст. Ин гуфтор гувоҳ бар он аст, ки замони Сайидо давраи сабзиши шаҳрсозӣ ва тараққии саноати ҳунармандӣ ба ҳисоб мерафт.

Шоир ҳунарҳои даврони худро ситоиш ва омӯзиши онҳоро таъкид намуда, дар ин радиф суханро сарҳалқаи ҳунарҳо медонад ва иброз медорад, ки ҳар касе суханро эҳтиром дорад, соҳиби эҳтироми баланд мебошад. Аз ин рӯ, мегӯяд: «Сар ба пояш мениҳам ҳар кас сухан мепарварад».

Сайидо тарғиби илму ҳунарро дар ашъори худ хеле барҷаста нишон дода, ба тасвири он диққати ҷиддӣ зоҳир менамояд. Ӯ инсонро ҳамеша дар такопӯи зиндагӣ дида, одамонро даъват менамояд, ки чун осиё зи пайи обу дона бошанд.

**Рӯзӣ насиби кас ба**
**нишастан намешавад.**
**Бояд чу осиё зи паси**
**обу дона рафт.**

Аз назари Сайидо ҳунармандӣ ва эҷодкорӣ аз беҳтарин хусусиятҳои боифтихори инсон аст. Шоир таъкид менамояд, ки ҳунар мушкилоти одамиро осон мекунад:

**Сайидо, марди ҳунарманд**
**аз тараддуд фориғ аст,**
**Даст агар дар кор машғул**
**аст, по осуда аст.**

Боғбонӣ аз зумраи ҳунарҳои созанда буда, шахсе, ки ба ин ҳунар майл дорад, ҳеҷ гоҳ ба касе муҳтоҷ намемонад.

**Рӯ намеорад ба хони ҳеҷ**
**кас соҳибҳунар,**
**Боғбон ризқи худ аз пушти**
**гулистон меҳӯрад,**

Шоир баракати ҳунарро дар талошу кӯшиш мебинад ва иншо намудааст, ки шахси ҳунарманд ризқи худро аз ҳар ҷое, ки меҳнат кунад, пайдо менамояд:

**Ҷӯи шир ояд бурун аз**
**кӯҳ баҳри Кӯҳкан,**
**Рӯзии худ мекунад соҳибҳунар**
**ҳосил зи санг.**

Сайидо беҳунариро дар ҷомеа як мушкилоти вазнин медонад ва барои беҳунарон дар зиндагӣ ҷойеро додан намехоҳад:

**Паймонае, ки бода**
**надорад шикастанист,**
**Дасте, ки нест масдари**
**эҷод бастанист.**

Шоир заргариро аз ҳунарҳои созанда дониста, ба ин навъи ҳунар эҳтиром доштани худро таъкид месозад ва сифати заргарро чунин қаламдод менамояд:

**Ҳар ки як дам ҳамдами он**
**дилбари заргар шавад,**
**Санг гирад лаъл гардад,**
**хок гирад зар шавад.**

Шоир меъмориро аз зумраи ҳунарҳои волои замони худ дониста, таъкид месозад, ки шаҳр аз ҳунари меъмор ранг мегирад ва ҳусни зебо пайдо мекунад:

**Шӯхи меъморам ба олам**
**тарҳи нав андохта,**
**Аз пайи таъмир ҳарҷо**
**рафт чун боз сохта.**

Ҳатто гилкор ба назари шоир дар ободии шаҳр саҳмгузор аст ва тарғиби ин ҳунарро дар "Шаҳрошӯб" ба роҳ монда, мефармояд:

**Бо моҳи гилкори худ**
**гуфтам: "Туро ёрӣ кунам,**
**Ҳар куҷо вайронае дорӣ**
**ту гилкорӣ кунам".**

Шоир яке аз аввалинҳоест, ки дар адабиёти тоҷик ҳунар ва ҳунармандиро тарғиб ва мавқеи арзандаи гурӯҳҳои истеҳсолкунандаро дар ҷомеа таъкид намуда, иттифоқ ва ҳамбастагии онҳоро хостор аст. Зеро табақаи ҳунармандон ҳамчун бахшандаи ризқи мардум бояд дар ҷомеа соҳиби эҳтиром бошанд. Ӯ бо ин иқдом ба ҳаёти воқеии аҳли заҳмат наздик шуда, дар симои халқи ҳунарманд як қувваи созанда ва бунёдкорро ба мушоҳида мегирад.

Ҳунар ва ҳунармандӣ ва тарғиби он имрӯз ҳам дорои Аҳамияти бузурги иҷтимоӣ, иқтисодӣ мебошад ва дастгирии ин табақаҳои ҷомеа боиси пешравии зиндагӣ хоҳад шуд.

Аз шиносоӣ бо ашъори Сайидои Насафи хулоса баровардан мумкин аст, ки шоир ҳунар ва ҳунармандиро дар эҷодиёташ васф намуда таъкид медорад, ки касбу ҳунар инсонро аз мушкилоти зиндагӣ раҳоӣ мебахшад.

Шеърҳои адиб ифтихори ҳунармандонро аз касби худ баланд бардошта, ҷиҳати тарбияи насли наврас дар руҳияи омӯзиши касбу ҳунар мусоидат менамояд.

# ИНСОН - МЕЪМОРИ ХУД



**Ҳунар ин сармояи бузургест, ки онро бо ягон сарват ва симу зар иваз кардан ва харида намешавад. Ҳунар ба инсон бузургӣ, шаҳомат мебахшад ва ӯро доимо болида нигоҳ медорад. Ба зиндагӣ ҳусни зебоӣ мебахшад. Беҳуда нагуфтаанд: «Шахси боҳунар - дарахти босамар».**

Барои шахси ҳунарманд ҳар як дақиқа ғанимат аст ва онро ҳамеша бо мавриди истифода мебарад. Чаро ки ӯ аз дона хирман месозад, аз матоъ ҷома медӯзад ва аз гул гулзор ҳосил мебинад. Ин аст, ки:

**Бе дарду ранҷ ганҷ муяссар намешавад,**
**Музди он гирифт, ҷони бародар, ки кор кард.**

Музди меҳнати кас, аз як тараф, маош бошад, аз тарафи дигар, омӯхтани ҳунар аст. Албатта, ҳамаи ҳунарҳо ҳангоми омӯзиш душворие доранд, ранҷе доранд, ки касро озурда месозанд. Вале сарфи назар аз ин кас бо сабру таҳаммул рафтор карда, дунболи касби дӯстдошта равад, оқибат ҳунарманди бузург мешавад.

Омӯхтани ҳар як ҳунар инсонро дар зиндагӣ воломақому соҳибтаҷриба ва бузургдил мегардонад. Ҳунарманди асил бо ҳунари зебои худ дар ягон давру замон ба касе ё чизе эҳтиёҷ пайдо намекунад, дастнигар намегардад. Зеро ҳунар як коргоҳи азимест, ки доимо ҳамсафари касони боистеъдод мебошад. Ҳунарманд ҳеҷ гоҳ ҷойи кор намеҷӯяд ва куҷое, ки биравад, метавонад бо дастони ҳунаррезаш ризқу рӯзии худро пайдо намояд. Шахсе, ки устувории пойдевори ҳаёти худро меандешад, ҳамеша аз пайи омӯзиш ва ҳунар қадам мегузорад.

Ҳар як инсон дар зиндагӣ меъмори худ аст ва аз худ метавонад шахси бузургеро пайдо созад. Ин бузургӣ ба хираду дониш ва ҳунари кас вобастагӣ дорад. Ҳунарманд ҳамеша кӯшиш менамояд, ки дар байни дӯстон, рафиқон ва умуман дар ҷомеа мавқеи худро дошта бошад, шогирдони хуб тайёр намояд. Ин байт беҳуда нест:

**Соҳибҳунаре, ки ботамиз аст,**
**Дар дидаи мардумон азиз аст.**

Ҳунар зебоии зиндагӣ, ганҷинаи пурганҷ аст ва ҳунарманд заргари бузургест, ки бо офаридҳои ҷолибаш мафтунгари дилҳои инсон маҳсуб мешавад.

Пас, бо раҳи ҳунар бояд рафт, на бо раҳи дигар!

**М. ПИРАКОВА,**
**ҷонишини директор оид ба таълиму тарбияи Литсейи касбии хизмат ва туризм ш. Душанбе**

**Раёсати Хадамоти муҳоҷират дар вилояти Суғд: 834-22-6-51-99**

# ХАДАМОТИ МУҲОҶИРАТИ ВАЗОРАТИ МЕҲНАТ, МУҲОҶИРАТ ВА ШУҒЛИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатии зер озмун эълон мекунад:

**Дастгоҳи марказӣ**

**Раёсати ҳуқуқ, кадр ва корҳои махсус**

Мутахассис – 1 ҷой, маоши вазифавӣ 1012,60 сомонӣ

**Раёсати Хадамоти муҳоҷират дар шаҳри Душанбе**

**Бахши молия ва хоҷагидорӣ**

Мутахассиси пешбар – 1 ҷой, маоши вазифавӣ 1170,30 сомонӣ

**Шуъбаи қабул ва маслиҳатдиҳӣ**

Мутахассиси пешбар - 1 ҷой, маоши вазифавӣ 1170,30 сомонӣ

**Раёсати Хадамоти муҳоҷират дар вилояти Суғд**

Муовини сардори Раёсат-1 ҷой, маоши вазифавӣ 2339,30 сомонӣ

Шуъбаи муҳоҷирати меҳнатӣ

Сармутахассис – 1 ҷой, маоши вазифавӣ 1427,60 сомонӣ

Мутахассис - 1 ҷой, маоши вазифавӣ 962,80 сомонӣ

Бахши молия ва хоҷагидорӣ

Мутахассиси пешбар - 1 ҷой, маоши вазифавӣ 1170,30 сомонӣ

**Шуъбаи Хадамоти муҳоҷират дар шаҳри Панҷакент**

Мутахассиси пешбар - 1 ҷой, маоши вазифавӣ 1112,20 сомонӣ

**Бахши Хадамоти муҳоҷират дар ноҳияи Мастчоҳ**

Мутахассиси пешбар – 1 ҷой, маоши вазифавӣ 1062,40 сомонӣ

**Бахши Хадамоти муҳоҷират дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров**

Мутахассис – 1 ҷой, маоши вазифавӣ 1112,20 сомонӣ

**Раёсати Хадамоти муҳоҷират дар вилояти Хатлон**

**Бахши молия ва хоҷагидорӣ**

Мутахассиси пешбар - 1 ҷой, маоши вазифавӣ 1170,30 сомонӣ

**Бахши Хадамоти муҳоҷират дар ноҳияи Восеъ**

Мутахассиси пешбар - 1 ҷой, маоши вазифавӣ 1062,40 сомонӣ

**Шуъбаи Хадамоти муҳоҷират дар ноҳияи Ҷайҳун**

Мутахассиси пешбар - 1 ҷой, маоши вазифавӣ 1062,40 сомонӣ

Мутахассис – 1 ҷой, маоши вазифавӣ 871,50 сомонӣ

Шуъбаи Хадамоти муҳоҷират дар ноҳияи Данғара

Мутахассис - 1 ҷой, маоши вазифавӣ 871,50 сомонӣ

**Бахши Хадамоти муҳоҷират дар ноҳияи Н. Хусрав**

Мутахассиси пешбар - 1 ҷой, маоши вазифавӣ 1062,40 сомонӣ

**Шуъбаи Хадамоти муҳоҷират дар шаҳри Кулоб**

Мутахассис - 1 ҷой, маоши вазифавӣ 915 сомонӣ

**Бахши Хадамоти муҳоҷират дар шаҳри Норак**

Мутахассиси пешбар - 1 ҷой, маоши вазифавӣ 1131,40 сомонӣ

**Бахши Хадамоти муҳоҷират дар ноҳияи Кушониён**

Мутахассиси пешбар - 1 ҷой, маоши вазифавӣ 1062,40 сомонӣ

**Бахши Хадамоти муҳоҷират дар ноҳияи Фархор**

Мутахассис - 1 ҷой, маоши вазифавӣ 871,50 сомонӣ

**Бахши Хадамоти муҳоҷират дар ноҳияи Вахш**

Мутахассиси пешбар - 1 ҷой, маоши вазифавӣ 1062,40 сомонӣ

**Шуъба ва бахшҳои Хадамоти муҳоҷират дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ**

**Шуъбаи Хадамоти муҳоҷират дар н. Лахш**

Мутахассис - 1ҷой, маоши вазифавӣ 890,70 сомонӣ

**Бахши Хадамоти муҳоҷират дар ноҳияи Варзоб**

Мутахассиси пешбар – 1 ҷой, маоши вазифавӣ 1062,40 сомонӣ

**Бахши Хадамоти муҳоҷират дар ноҳияи Тоҷикобод**

Мутахассиси пешбар – 1 ҷой, маоши вазифавӣ 1062,40 сомонӣ

**Бахши Хадамоти муҳоҷират дар ноҳияи Нуробод**

Мутахассиси пешбар – 1 ҷой, маоши вазифавӣ 1062,40 сомонӣ

**Бахши Хадамоти муҳоҷират дар ноҳияи Файзобод**

Мутахассиси пешбар - 1 ҷой, маоши вазифавӣ 1062,40 сомонӣ

**Бахши Хадамоти муҳоҷират дар ноҳияи Рашт**

Мутахассиси пешбар - 1 ҷой, маоши вазифавӣ 1113,60 сомонӣ

**Шуъбаи Хадамоти муҳоҷират дар ВМКБ**

**Шуъбаи ХМ дар н. Ишкошим**

Мутахассиси пешбар - 1 ҷой, маоши вазифавӣ 1113,60 сомонӣ

**Бахши ХМ дар н. Ванҷ**

Мутахассиси пешбар - 1 ҷой, маоши вазифавӣ 1088 сомонӣ

Мутахассис - 1 ҷой, маоши вазифавӣ 897,10 сомонӣ

**Барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатии Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон талаботи тахассусии зерин муқаррар шудааст:**

Муовини сардори Раёсат - мансаби маъмурии категорияи дуюм, таҳсилоти олии касбӣ, ихтисос ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад, 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияҳои сеюм ва ё 5 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 6 соли умумии меҳнатӣ.

Сармутахассис - мансаби маъмурии категорияи панҷум, таҳсилоти олии касбӣ, ихтисос ба вазифаи ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ.

Мутахассиси пешбар - мансаби маъмурии категорияи шашум, таҳсилоти олии касбӣ, ихтисос ба вазифаи ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 1 собиқаи умумии меҳнатӣ.

Мутахассис - мансаби маъмурии категорияи ҳафтум, таҳсилоти олӣ ё миёнаи касбӣ, ихтисос ба вазифаи ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

Барои ишғоли мансабҳои хизмати давлатӣ донистани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ марбут ба фаъолияти Хадамоти муҳоҷират, сифатҳои касбӣ, донистани забони давлатӣ ва яке аз забонҳои хориҷӣ, кор бо технологияи муосири электронӣ, таҳлили масъала, мулоҳизаронӣ ва муоширот бо тобеон зарур мебошад.

**Барои иштирок дар озмун ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод кардан лозим аст:**

- ариза ба унвони роҳбари мақоми давлатӣ дар шакли муқарраргардида;
- варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо (бо 2 дона расми андозаи 4x6);
- тарҷумаи ҳол;
- нусхаи шиноснома;
- нусхаи ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот (диплом);
- нусхаи билети ҳарбӣ (барои шахсоне, ки хизмати ҳарбиро адо намудаанд).
- нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ (ба ғайр аз ҳолатҳое, ки шахс собиқаи меҳнатӣ надорад);
- маълумотнома оид ба вазъи саломатӣ (шакли №038 УЕ);
- нусхаи шиносномa дар бораи додани рақами мушаххаси андозсупоранда (ИНН);
- маълумотнома аз ҷои истиқомат;
- маълумот «Дар бораи тасдиқи Эъломия оид ба андоз аз даромад ва Эъломия оид ба вазъи амволии хизматчии давлатӣ»;
- маълумотномаи оид ба доғи Судӣ надоштан (ИЦ);
- маълумотнома (объективка) дар бораи фаъолияти корӣ.

**Мувофиқи банди 16-и Низомномаи тартиби гузаронидани озмун**

«Хароҷоти вобаста ба иштироки довталаб дар озмун (омаду рафт ба маҳалли баргузории озмун, иҷораи ҷойи истиқомат) аз ҳисоби довталаб пардохт карда мешавад.

Ба маоши вазифавӣ, инчунин фоизи муайян барои собиқаи хизмати давлатӣ пешбинӣ шудааст.

Эзоҳ: Қабули ариза ва ҳуҷҷатҳо барои иштирок дар озмун аз рӯзи чопи эълони мазкур дар муҳлати 21 рӯз аз тарафи Раёсати ҳуқуқ, кадр ва корҳои махсуси Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ-121 амалӣ карда мешавад.

**Телефон барои тамос: 225-05-73.**

# БА ТАВАҶҶУҲИ ДОВТАЛАБОН!

**Ба маълумоти хатмкунандагони (довталабони) синфи 9-уми мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ расонида мешавад, ки МДТ «Литсейи касбии техникии нақлиёти автомобилии шаҳри Душанбе» хатмкардагони синфи 9-умро аз рӯйи ихтисосҳои зерин барои соли таҳсили 2023-2024 қабул менамояд:**

*** Баъди хатми синфи 9-ум:**

1. 3-370152. 01 – «Челонгар оид ба таъмири муҳаррики автомобил бо иловаи дараҷаи «С»»;
2. 3-370152. 03 – «Барқчӣ оид ба таъмири қисмҳои барқии авто-мобил»;
3. 3-400252. 01 – «Системаи компютерӣ ва интернет-технология»;
4. 3-015101 – «Монтёри барқӣ оид ба таъмир ва хизматрасонии таҷҳизотҳои барқӣ»;
5. 3-250152. 01 – «Ҳисобдор (бо донистани компютер)»;
6. 3-250152. 02 – «Хазинадор-назоратчӣ»;
7. 3-360152. 03 – «Мошиначии мошинаҳои борбардоранда (болобардор)»;
8. 3-370152. 05 – «Назоратчии ҳолати техникии воситаҳои нақлиёти автомобилӣ»;
9. 3-370152. 04 – «Челонгар-таъмирчии кузови автомобил»;

**Баъди хатми синфи 11-ум:**

1. 3-370152.01 – «Челонгар оид ба таъмири муҳаррики автомобил бо иловаи дараҷаи «С»»;
2. 3-370152.03 – «Барқчӣ оид ба таъмири қисмҳои барқии автомобил»;
3. 3-360151.03 – «Кафшергари газию барқӣ»;
4. 3-400252.01 – «Системаи компютерӣ ва интернет-технология»;
5. 3-015101 – «Монтёри барқӣ оид ба таъмир ва хизматрасонии таҷҳизотҳои барқӣ»;
6. 3-250152. 01 – «Ҳисобдор(бо донистани компютер)»;
7. 3-250152.02 – «Хазинадор - назоратчӣ»;

**Курсҳои кӯтоҳмуддат:**

1. «Кафшергари газию барқӣ»;
2. «Асосҳои омӯзиши компютер»;
3. «Тракторчӣ»;
4. «Монтёри барқӣ»;
5. «Радиомеханик оид ба таъмир ва хизматрасонии дастгоҳҳои радио ва телевизион»;
6. «Автокран»;
7. «Крановчӣ»;
8. «Дӯзандагӣ»;
9. «Ронандаи автомобил дараҷаҳои «В», «С» ва «D» »;
10. «Ронандаи мошинаҳои барқӣ - «Троллейбус»»;
11. «Челонгар оид ба таъмири муҳаррики автомобил»;
12. «Барқчӣ оид ба таъмири қисмҳои барқии автомобил»;

**Нишонӣ: шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 192, (рӯ ба рӯи Боғи фарҳангӣ-фароғатии ба номи Садриддин Айнӣ). Телефонҳо: 224-24-3; 918-15-91-92; 988-89-81-78.**

**Раёсати Хадамоти муҳоҷират дар вилояти Хатлон: 8-3222-2-38-08**

ЧИЛДУХТАРОН - МАКОНИ САЙРУ САЁҲАТ



Бозор СОБИР

## САБУК

Кӯҳи вазнин сояҳо дорад сабук,
Шахси ман ҳамсояҳо дорад сабук.
З-осёби умр шуд мӯям сафед,
Чунки гарде дар ҳаво дорад сабук.

Обхоро дида аз болои пул,
Ногаҳон шуд дидаам аз об пур.
Ман шиновар нестам, лек акси ман
Хушк дар дарё шино дорад сабук.

Мӯсафедонро ба ҳар ҷо дастрас
Доиман гар сӯтаи чӯб асту бас,
Мӯсафеди умри ман дар панҷааш
З-устухони ман асо дорад сабук.

Дар тани даҳсолагӣ афтам фурӯ,
Кӯдакию деҳа омад рӯ ба рӯ.
Кӯдакӣ аз ғозҳои хасраве
Риштаҳо дар по дорад сабук.

Даври хирманҳо гузашту ҳойҳо,
Монд бо мо ёди хирманҷойҳо.
Сӯи хирманҷойҳо беихтиёр
Мӯри чашмам рафтую дорад сабук.

Ҳамчу кампири Назокат як қадам
Дил накӯчид аз деҳи кӯчидаам.
Дасти ларзони сафедораш маро
Аз лаби чархо дуо дорад сабук.

## ИФТИХОРИ АЛЕКСАНДР ПУШКИН

Дар забони русӣ қисми зиёди калимаҳое, ки бо ҳарфи «ф» оғоз мешаванд, иқтибосианд. Шоири бузурги рус Александр Серегеевич Пушкин аз он ифтихор дошт, ки дар асараш «Қиссаи шоҳ Султон» бо ин ҳарф ҳамагӣ як калима (флот)-ро ба кор бурдааст.

Таҳияи К. АТО

## АНЪАНАИ АРУСИИ
### қабилаи Инӣ

Дар қабилаи Инии Гвинея одате ҳаст, ки домод бояд калонтарин ангушти дасташ (нарангушт)-ро бурида, ба аруси зебояш пешкаш намояд, ҳатман бо табар ва ё асбоби хеле тезбуранда. Ин нишонаи ишқу муҳаббатро нисбат ба зан баён мекунад.

Дасторхони шоми навхонадорон бояд аз хукҳои бирёншуда оро дода шавад ва хешовандони домод шохи хукҳои ёбоиро ба бинии домод ва арус овезон мекунанд.

Дар сурати вафоти шавҳар зан бояд бо нишони садоқат ба шавҳари худ ангуштонашро бурад ва ангуштҳоро бо шавҳар якҷо дафн кунад.

Таҳияи Н. РАҲМОН

## ДУРУСТ НАВИСЕМ

**Тадрис гирифтан** не, дурусташ - дарс гирифтан, тадрис кардан.

**Ин нуқтаро дар ёд бояд дошт** не, дурусташ - ин нуктаро дар ёд бояд дошт: (нукта-маъно, нуқта-точка).

**Таваҷҷуҳ додан** не, дурусташ - таваҷҷуҳ кардан ё таваҷҷуҳ ихтисос додан.

**Ҳараҷу мараҷ ё харҷу марҷ** не, дурусташ - ҳарҷу марҷ.

**Хатчадор** не, дурусташ - хадшадор ё халалпазир, осебпазир.

**Хазина** не, дурусташ – хазина.

**Ҳаддалимкон** не, дурусташ - ҳатталимкон ё ба ҳадди имкон, ба қадри имкон.

**Хатой, хатоги** не, дурусташ – хато.

**Ризоият** не, дурусташ – ризоят.

**Амалиёти ҷаррохӣ** не, дурусташ - амали ҷарроҳӣ.

**Шахсияти юридикӣ** не, дурусташ - шахси ҳуқуқӣ.

## ОБУНА – 2023

“Шуғл ва муҳоҷират” - оинаи кор, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ

Суратҳисоби дохилӣ: С/Ҳ 20202972740003103000, К/Ҳ 20402972316264, КИБ 350101626, РМА 040003282. КВД «Рӯзномаи «Шуғл ва муҳоҷират».

Филиали №03 Амонатбонк дар ноҳияи Синои ш. Душанбе.
Арзиши солонаи як нусха – 150 сомонӣ аз тариқи суратҳисоби нашрия.

**Муассис:**
**Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Ҳайати мушовара:**

**Ҳасанзода Гулнора Кенҷа,**
вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Давлатзода Қиёмиддин,**
муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Нодирӣ Шаҳноза Анвар,**
муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Ализода Алишер Ҳиматуло,**
муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Маҳмадзода Сафаралӣ Маҳмад,**
сардори Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ

**Нодирзода Иматшо,**
сардори Хадамоти муҳоҷират

**Ашурализода Абдураҳмон Ашуралӣ,**
директори Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ

Директори КВД «Рӯзномаи «Шуғл ва муҳоҷират»
**Фаррух Файзуллоев**

Сармуҳаррир
**С. Ёрмаҳмадзода**

Тарроҳ
**Абдурозиқ Абунасрзода**

Андеша ва ақидаҳои нашршудаи шахсии муаллифон дар мақолоту гузоришҳо ақидаи расмии Ҳайати мушовараи вазорат маҳсуб намешавад.
Дурустии асноду далели мақолаҳо ба уҳдаи муаллифон аст.
Идора бо муаллифон мукотиба намекунад, дастхатҳоро бар намегардонад.

**Дар нашриёти ЧДММ «Фасл-4» чоп мешавад**

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 240\РЗ – 97 аз 16 марти соли 2021 номнавис шудааст.

**Нишонӣ:**
шаҳри Душанбе, кӯчаи Алишер Навоӣ, 5/2, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

тел: 2503243

**Обуна ба рӯзнома тамоми сол идома дорад ва дар ҳамаи нуқтаҳои алоқа қабул карда мешавад.**
**Индекс 68959**

**Почтаи электронии мо-**
**Rrohnamo@mail.ru**